# Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон

| | |
|---|---|
| Макон: | Тоҷикистон |
| Рақами лоиҳа: | 55329 |
| Соҳаи фаъолият: | Нақлиёт |
| Намуди эълон: | Давлатӣ |
| Категорияи экологӣ: | A |
| Санаи тасдиқ: | 26 феврали соли 2025 |
| Ҳолат: | **Мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст** |
| Санаи нашри ҳуҷҷат оид ба тавсифи мухтасари лоиҳа (ҲТЛ) бо забони англисӣ: | 23 декабри соли 2024 |

## Тавсифи лоиҳа

Пешниҳоди қарз бо кафолати давлатӣ дар ҳаҷми то 38.0 миллион евро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади маблағгузории мушатараки таҷдиди қитъаи 49 км роҳи автомобилгарди Данғара-Гулистон дар якҷоягӣ бо Бонки Осиёгии Рушд (БОР). Дар қатори дигар ҷузъҳои сармоягузорӣ, навсозӣ бунёди инфрасохтори пуркунии мошинҳои барқиро (ИПМБ) қад-қади роҳ низ пешбинӣ мекунад. БОР лоиҳаро якҷоя маблағгузорӣ ва идора менамояд.

## Ҳадафҳои лоиҳа

Лоиҳа имкониятҳои транзитии Тоҷикистонро тавассути долонҳои Ҳамкориҳои иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (CAREC) ва Долони нақлиётии Фарокаспий афзоиш медиҳад ва ба беҳтар шудани иртиботу алоқаи нақлиётӣ мусоидат мекунад ва инчунин рушди иқтисодӣ ва иқтидори содиротии минтақаҳои ҷанубии кишварро дастгирӣ мекунад. Лоиҳа баланд бардоштани сатҳи зудҳаракатии нақлиёти барқиро тавассути дастгирии ҳамкории техникӣ (ҲТ) баҳри таҳияи Нақшаи миллии амал оид ба зудҳаракатии нақлиёти барқӣ (NEMAP), низ пешбинӣ мекунад.

## Таъсир ба раванди гузариш

Холи арзёбии таъсири чашмдошт ба раванди гузариш: 67

- **Фарогир (аввалиндараҷа)**: Лоиҳа ба таҳкими алоқа дар дохили кишварҳои узви CAREC тавассути долонҳои 2, 3, 5 ва 6 барои баланд бардоштани иқтидори транзитии минтақавии Тоҷикистон мусоидат мекунад.
- **Сабз (дуюмдараҷа)**: Лоиҳа илова бар сармоягузории Бонк дар сохтмони ИПМБ дар ҳудуди амалисозиии Лоиҳа таҳияи нақшаи амалро (NEMAP) дастгирӣ мекунад.

# Маълумот дар бораи муштарӣ

ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИХТИЁР

Қарзгиранда Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки онро Вазорати молия намояндагӣ мекунад. Маркази татбиқи лоиҳаҳо ва таҷдиди роҳҳои (МТЛТР) назди Ҳукумати Тоҷикистон барои амалисозии лоиҳа масъул мебошад.

# Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР

38,000,000.00 евро

# Арзиши умумии лоиҳа

143,952,610.29 евро

Барои пӯшидани хароҷотҳои алоқаманд бо ҳамаи андозҳо ва дигар пардохтҳои марбут ба Лоиҳа ҷудокунии маблағи баробар бо 22,5 миллион евро аз ҷониби Ҳукумат дар назар аст.

# Хусусияти иловагӣ

Хусусиятҳои иловагии Бонк ҷузъҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Сохтори маблағгузорӣ;
- Тағйирот дар сиёсат, бахш, тағйироти институтсионалӣ ё меъёрӣ;
- Муқаррар намудани стандартҳо: расонидани ёрӣ ба лоиҳаҳо ва муштариён дар расидан ба стандартҳои баландтар;
- Дониш, навовариҳо ва баланд бардоштани тавонмандӣ.

# Муҳтавои масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ

Лоиҳа ба категорияи A (ESP 2019) нисбат дода шудааст. Бастаи ҳуҷҷатҳои арзёбии таъсир ба муҳити зист ва иҷтимоӣ (АТМЗИ), аз он ҷумла Нақшаи идоракунии чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ (НИҲМЗИ), Маълумоти мухтасари ғайритехникӣ (ММҒ), Нақшаи ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор (НҲТМ), Нақшаи ҷудокунии замин ва муҳоҷиркунонӣ (НҶЗМ) ва Нақшаи амал дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ (НАҲМЗИ) дар доираи экспертизаи маҷмӯии экологӣ ва иҷтимоӣ (ЭМЭИ) аз ҷониби мушовири мустақил таҳия карда шуданд. Маълумот дар бораи онҳо дар сомонаи БАТР ва Вазорати нақлиёт 23 октябри соли 2024 нашр гардид.

Расмиёти миллии арзёбии таъсир ба муҳити зист (АТМЗ) дар асоси экспертизаи ибтидоии экологӣ (ЭИЭ) анҷом дода шуд, ки бо дастгирии БОР дар доираи баррасии масъалаи маблағгузорӣ таҳия гардид. Вохӯриҳои машваратӣ оид ба АТМЗ гузаронида шуданд, ки дар рафти онҳо ҷонибҳои манфиатдор лоиҳаро умуман дастгирӣ карданд. Баъзе нигарониҳо дар бораи бехатарии роҳ, маконҳои гузаштани роҳ (гузаргоҳҳо) ва ҷубронпулӣ барои расонидани таъсир ба замин баён карда шуданд. Аз ин рӯ, БОР бо дастгирии мушовирони мустақил санҷиши бехатарии роҳро анҷом дод. Тарҳи лоиҳаи таҷдиди роҳҳо иловакунии чораҳои бехатарӣ, аз он ҷумла ҷойҳои гузаштани пиёдагон ва чорво, роҳҳои зеризаминӣ ва аломатҳои огоҳкунандаи иловагиро инъикос мекунад. Барои иҷрои нақшаи

идоракунии ҳаракати нақлиёт, паймонкор дар доираи тарҳи муфассал бо сокинон дар мавриди гузаргоҳҳо машваратҳои минбаъда мегузаронад. Пеш аз ба истифода додани роҳи навсозишуда санҷиши иловагии бехатарии ҳаракат дар роҳ гузаронида мешавад. Аз сабаби ҷойгиршавӣ ва топографияи масири роҳи автомобилгард ва баъзе қисматҳои он, аз нуқтаи назари ҳифзи меҳнат ва саломатии аҳолӣ (ҲМС) мушкилиҳои эҳтимолӣ метавонанд ба миён оянд. Он метавонад қобилияти нишондиҳии вокуниш ва эътино ба ҳолатҳои фавқулоддаро ҳангоми сохтмон дар бар гирад. Ҳолатҳои фавқулоддаи эҳтимолӣ аз ҷониби паймонкор муайян карда мешаванд ва захираҳои дахлдор мувофиқи талаботи НАҲМЗИ ва НИҲМЗИ ҷудо мегарданд.

Экспертизаи маҷмӯии масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Бонк ва мушоварони мустақили он гузаронида шуд, бастаи ҳуҷҷатҳои марбут ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоии аз ҷониби БОР таҳияшударо пурра намуд. Бон бо фаъолияти муассисаи масъули татбиқи лоиҳа шинос аст. МТЛТР дорои таҷрибаи идоракунии лоиҳаҳои роҳсозт мебошад, ки дар гузашта аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ шуда буданд. Бо мақсади таъмини амалисозии лоиҳа тибқи талаботҳои Бонк оид ба татбиқи лоиҳа (ТТЛ) Бонк дар ҷалб намудани мушовир оид ба назорати масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ, ба МТЛТР ёрӣ мерасонад, ки он гурӯҳи мушовирони БОР - масъули назорати сохтмонро (МНС) пурра мекунад. Ғайр аз ин, Бонк дар таҳия ва татбиқи низоми идоракунии масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ ва инчунин дар назорати он ва ҳисоботдиҳӣ дар бораи он кӯмак мерасонад.

Масири роҳи автомобилгард аз паҳлӯи минтақаи муҳимми муҳофизатшавандаи гуногунии биологӣ (ММГБ) мегузарад. Аз ин рӯ, дар доираи бастаи иловагии АТМЗИ ҷамъоварии иловагии маълумотҳои ибтидоӣ гузаронида шуд ва чораҳои коҳишдиҳии таъсир ба гуногунии биологӣ дар Нақшаи идоракунии гуногунии биологии (НИГБ) аллакай нашршуда, таҳия гардиданд. Шарҳи муфассали маълумотҳои ибтидоӣ, ки дар ҷараёни тадқиқотҳои ибтидоии аз ҷониби мушовирон моҳи маи соли 2020, октябри соли 2020 ва июни соли 2024 гузаронидашуда, дар гузориши иловагии АТМЗИ оварда шудааст. Мушовир таҳлили маконҳои муҳимми зист (ММЗ)/иншооти афзалиятноки гуногунии биологииро (ИАГБ) барои лоиҳа бо истифода аз маълумоти дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ мавҷудбуда, гузаронид. Илова бар ин, ҳисобот оид ба Воситаи арзёбии маҷмӯии гуногунии биологӣ (IBAT), маълумоти иловагӣ аз адабиёти дастраси умум ва махзани маълумот, инчунин мушоҳидаҳои бевоситаи экологҳо ҳангоми сафар ба ҷойҳо, мавриди истифода қарор дода шуданд. Натиҷаи тадқиқоти мазкур нишон дод, ки меъёри мутобиқат барои ММЗ риоя карда нашуд, ҳоло он ки меъёр барои ИАГБ риоя гардид. НИГБ, ки барои лоиҳа таҳия карда шуд, маҳдудиятҳои вақт/мавсимиро дар марҳилаи сохтмони барои муҳофизати намудҳо (масалан, ҷойҳои лонасозии паррандаҳо ва буридани дарахтҳо, сангпуштҳо ва кӯчонидани онҳо), талабот нисбати мавҷудияти захираҳои кофии мутахассисон оид ба гуногунии биологӣ дар сатҳи паймонкор, аз он ҷумла роҳҳалҳои лоиҳавӣ барои убури чорворо дар бар мегиранд. Ғайр аз ин, бо мақсади дастгирии МТЛТР дар гузаронидани тадқиқотҳои иловагии гуногунии биологӣ дар давоми соли 2025 барои дар ҳолати зарурӣ таъмин намудани бознигарӣ ва навкунии НИГБ Бонк мушовирро ба кор ҷалб намуд. Талаботҳои ЭИЭ, ҳисоботи иловагии АТМЗИ, НИҲМЗИ ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки барои лоиҳаи мазкур таҳия гардиданд, аллакай дар ҳуҷҷатҳои тендерӣ барои таҷдиди роҳҳо ҳамроҳ карда шуданд ва ҷузъи уҳдадориҳои шартномавӣ барои паймонкор(он) ҳоҳанд шуд.

Дар доираи лоиҳа ҷудокунии майдони маҳдуди заминҳои кишоварзӣ (асосан боғҳои мевадиҳанда) дар назар аст. Нақшаи НҶЗМ тартиб дода шуд ва машваратҳо бо аҳолии таҳти таъсири лоиҳа қарорёфта анҷом дода шуданд. Татбиқи он ба наздикӣ оғоз меёбад. Қувваи корӣ барои сохтмон дар ҷойҳо ҷалб карда мешавад ва ҳиссаи аҳолии маҳаллӣ на камтар аз 50 фоизро ташкил хоҳад дод. Интизор меравад, ки шаҳракҳои сохтмонӣ зарур хоҳанд шуд ва ҷойҳо барои ташкили онҳо бо дарназардошти ба ҳадди ақал расонидани таъсир ба ҳудудҳои ҳассос ба гуногунии биологӣ интихоб карда мешаванд. Ҳуҷраҳо барои зист ва иншооти маишӣ барои коргарон мутобиқи талаботи Дастури КБМ/БАТР оид ба ҷойгиркунии коргарон тарҳрезӣ мегарданд. Чораҳои иловагӣ барои танзими афзоиши аҳолӣ ва пешгирии низоъҳои эҳтимолӣ байни қувваи корӣ ва аҳолии маҳаллӣ, аз он ҷумла хушунати ҷинсӣ андешида мешаванд, ки бояд ба НИҲМЗИ ва НАҲМЗИ илова карда шаванд. Паймонкорон бояд Кодекси ахлоқро имзо расонанд ва инчунин Нақшаи идоракунии шароитҳои меҳнат ва ҳифзи меҳнат, Нақшаи ҳифзи меҳнат ва саломатии аҳолиро тартиб диҳанд ва татбиқ намоянд. Назорати онҳо ба зиммаи коршиносони МНС оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ ва мушовир оид ба назорати масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ вогузор мегардад.

НҲТМ барои муайян намудани тарафҳои калидии манфиатдор ва мушаххас кардани каналҳо ва нақшаҳои иртибот дар мавриди Лоиҳа тартиб дода шуд. Дар давоми солҳои 2022, 2023 ва 2024 қад-қади масири роҳи автомобилгард як қатор вохӯриҳои машваратӣ бо аҳолӣ гузаронида шуданд.  Айни замон вохӯриҳои иловагии ҷамъиятии алоқаманд бо ифшои АТМЗИ гузаронида шуда истодаанд ва пас аз давраи 120 рӯзаи ифшои маълумот Гузориш дар бораи машваратҳо тартиб дода мешавад ва нашр мегардад. Дар МТЛТР аллакай механизми баррасии шикоятҳо барои ҳалли масъалаҳои марбут ба кӯчонидани аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист ва бехатарӣ ва инчунин ифшои маълумот истифода мешавад.

НАҲМЗИ талаботҳои иловагиро дар мавриди  амалисозии Нақшаи идоракунии чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоии паймонкор ва Нақшаи ҳифзи меҳнат ва саломатии аҳолӣ тибқи ТТЛ, аз он ҷумла омӯзиши коргарон, гузаронидани арзёбии хавфҳо дар самти ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ ва нигоҳдории механизми муассири баррасии шикоятҳоро дар доираи Лоиҳа дар бар мегирад. Илова бар ин, расмиёти идоракунии тағйиротҳо дар тарҳи қитъаи роҳ таҳия мегардад, маълумот барои Бонк дар бораи тағйиротҳои назаррас пешниҳод мешавад, инчунин нақшаи мониторинг, татбиқи Нақшаи амал оид ба масоили гендерӣ ва расмиёти махсус оид ба лоиҳа ба монанди НҶЗМ, НИГБ ва НҲТМ таҳия мегарданд. Вохӯриҳо оид ба ифшои АТМЗИ дар семоҳаи 1уми соли 2025 гузаронида мешаванд ва гузориши кӯтоҳ оид ба машваратҳо дар сомонаи Лоиҳа пеш аз тасдиқи он аз ҷониби Шӯрои директорон нашр мешардад.

Назоратчии қарздиҳанда аз тарафи Бонк барои гузаронидани санҷишҳои семоҳаи лоиҳа дар давоми сохтмон, арзёбии самаранокии фаъолият тибқи ТТЛ Бонк ва пешниҳоди ҳисоботҳо ба ҷонибҳои маблағгузор, ҷалб карда мешавад.

## Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ

Пеш аз баимзорасонӣ:

- **ҲТ1: Экспертизаи техникӣ**,  50,000 евро, маблағгузорӣ аз ҷониби Хазинаи инфрасохтори устувор (SIF).

- **ҲТ2: Экспертизаи иқтисодӣ**,  25,000 евро, маблағгузори аз ҷониби Хазинаи инфрасохтори устувор.
- **ҲТ3: Арзёбии таъсир ба муҳити зист ва иҷтимоӣ** барои лоиҳаи Категорияи А,  140,000 евро, маблағгузорӣ аз ҷониби Хазинаи инфрасохтори устувор.

Баъд аз баимзорасонӣ:

- **ҲТ4: Нақшаи амали миллӣ оид ба зудҳаракатии барқӣ**, 250,000 евро. Пешниҳод мешавад, ки аз ҷониби донори байналмилалӣ ба монанди Хазинаи инфрасохтори устувор ё Хазинаи махсуси тарафҳои манфиатдори БАТР маблағгузорӣ гардад.
- **ҲТ5: Назорати масоили ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ**, 750,000 доллари ИМА. Пешниҳод мешавад, ки аз ҷониби донори байналмилалӣ ба монанди Хазинаи махсуси тарафҳои манфиатдори БАТР маблағгузорӣ гардад.
- **ҲТ6: Назоратчии қарздиҳанда**, 400,500 евро. Пешниҳод мешавад, ки аз ҷониби донори байналмилалӣ ба монанди Хазинаи инфрасохтори устувор ё Хазинаи махсуси тарафҳои манфиатдори БАТР маблағгузорӣ гардад.

## Маълумот дар бораи Ширкат барои тамос

Ҷаноби Нуралӣ Арабзода
piurr@bk.ru
(+992 37) 222 20 73
(+992 37) 222 20 76
https://www.piurr-projects.tj/
кӯчаи Айни 14, Душанбе, Тоҷикистон

## Дарки раванди гузариш

Маълумоти иловагӣ дар бораи муносибати БАТР нисбати баҳодиҳии таъсири раванди гузариш инҷо оварда шудааст.

## Имкониятҳо барои тиҷорат

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ ё харид, бо ширкати муштарӣ тамос гиред.

Оид ба масъалаҳои алоқаманд бо имкониятҳои тиҷоратӣ бо БАТР (ки бо масъалаҳои  харид вобаста нест) тамос гиред:

Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com

Барои лоиҳаҳои бахши давлатӣ аз пайванди зерин истифода баред Фаъолияти харид дар БАТР:

Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

## Дархостҳои умумӣ

Дархостҳои мушаххасро метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР пешниҳод намоед.

## Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва Талабот оид ба татбиқи лоиҳаҳо (ТТЛ) роҳҳое, ки БАТР тавассути онҳо уҳдадориҳои худро ҷиҳати мусоидат ба “рушди аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва устувор” иҷро менамояд, муайян мекунанд. СЭИ ва ТТЛ муқаррароти махсусро барои муштариён оид ба риояи талаботҳои амалкунандаи қонунгузории миллӣ роҷеъ ба иттилооти ҷамъиятӣ ва машварат, аз он ҷумла дар бораи ташкили механизми баррасии шикоятҳо барои қабул ва бартараф намудани нигарониҳо ва ҳалли шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор, бахсус, оид ба фаъолияти муштарӣ ва лоиҳа, ки бо масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ алоқамананд, дарбар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва ҳаҷми хавфҳо ва таъсири экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа, БАТР иловатан аз муштариёни худ талаб мекунад, ки дар мавриди зарурӣ маълумотро дар бораи хавфҳо ва таъсироти лоиҳаҳо ошкор созанд ё бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои пурмуҳтаво гузаронида, фикру мулоҳизаҳои онҳоро баррасӣ намоянд ва ба онҳо посух диҳанд.

Маълумоти бештар дар бораи таҷрибаи БАТР дар ин робита дар СЭИ оварда шудааст.

## Росткорӣ ва риояи талабот

Идораи Сармутахассиси БАТР оид ба риояи талабот (ОССО) ба идоракунии шоиста мусоидат намуда, истифодаи стандартҳои олии таҷрибаи росткориро дар тамоми фаъолияти Бонк мутобиқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин мекунад. Санҷиши маҷмӯии таҷрибаҳои росткорӣ нисбати тамоми муштариёни Бонк бо мақсади пешгирӣ намудани таҷрибаҳое, ки ба росткорӣ ва обрӯву эътибори Бонк таҳдид мекунанд, анҷом дода мешавад. Бонк бар он ақида аст, ки роҳи муассиртарини таъмин намудани росткорӣ дар амалиёти Бонк муайяннамоӣ ва ҳалли масъалаҳо дар марҳилаҳои баҳодиҳӣ ва тасдиқи лоиҳа мебошад. ОССО дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин пас аз сармоягузорӣ дар пайгирии таҷрибаҳои таҳдидкунандаи росткорӣ дар лоиҳаҳо кӯмак мекунад.

ОССО инчунин барои таҳқиқи иттиҳомоти қаллобӣ, коррупсия ва рафтори нодуруст дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби БАТР маблағгузорӣ мегарданд, масъул аст. Ҳар як шахс, новобаста аз он ки дар дохили Бонк ва ё берун аз он аст, дар сурати гумонбарии амали қаллобӣ ё коррупсионӣ бояд ба Сармутахассис оид ба риояи талабот гузориши хаттиро тавассути почтаи электронӣ зерин compliance@ebrd.com ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои ирсолшуда аз тарафи ОССО барои қабули чораҳои минбаъда дида баромада мешаванд. Ҳама гузоришҳо, аз ҷумла паёмҳои махфӣ низ баррасӣ мегарданд. Гузоришҳо метавонанд бо ҳама забонҳои Бонк ё кишварҳои амалиёти Бонк тартиб дода шаванд. Маълумоти пешниҳодшуда бояд объективӣ бошад.

## Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот (СДИ)

СДИ пас аз эътибор пайдо намудани он санаи 1 январи соли 2020, роҳҳои ифшо кардани маълумот аз ҷониби БАТР, машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ҷиҳати пешбурди огаҳӣ ва фаҳмиши беҳтари стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳоро

муайян мекунад. Барои фаҳмидани он, ки дар торнамои БАТР кадом маълумот дастрас аст ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот ташриф оред.

Дархостҳои мушаххасро барои гирифтани маълумот метавонед бо истифода аз Варақаи дархости БАТР ирсол намоед.

## Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо (ММҲЛ)

Агар кӯшишу талошҳои Муштарӣ ё Бонк оид ба ҳалли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ё масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот (масалан, тавассути механизми баррасии шикоятҳои Муштарӣ дар сатҳи лоиҳа ё тавассути ҳамкории мустақим бо роҳбарияти Бонк) бенатиҷа монанд, шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд мушкилиҳои худро тавассути муроҷиат ба Мақоми мустақили ҳисоботдиҳии БАТР оид ба лоиҳаҳо ҳаллу фасл намоянд.

ММҲЛ мушкилиҳоеро, ки дар доираи Лоиҳа аз рӯи тахмин зарар овардаанд (ё метавонанд зарар оваранд), мустақилона мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳадафи мақом аз ин иборат аст: дастгирии муколамаи ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои муҳити зист, иҷтимоӣ ва масъалаҳои ифшои оммавии иттилоот; муайян кардани мувофиқати Бонк бо сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ ё муқаррароти сиёсати дастрасӣ ба иттилоот , ки ба лоиҳаҳои мушаххас алоқаманд мебошанд; ва дар ҳолати зарурӣ, аз байн бурдани ҳамагуна ҳолатҳои мавҷудбудаи риоя накардани ин сиёсатҳо ва ҳамзамон пешгирии риоя накардани талабот дар оянда аз ҷониби Бонк.

Лутфан ба торнамои Мақоми мустақили ҳисоботдиҳӣ оид ба лоиҳаҳо ворид шавед ва маълумоти бештарро дар бораи ММҲЛ ва ваколатҳои он; тарзи пешниҳоди Дархост барои баррасӣ пайдо намоед; ё бо ММҲЛ тавассути суроғаи электронии ipam@ebrd.com барои гирифтани дастур ва маълумоти бештар дар бораи ММҲЛ ва тарзи пешниҳоди дархост, тамос гиред.